# Раҳнамои нозирони миллӣ

**Мундарич̣а**

**Пешгуфтор**........................................ 4

**1. Меъёрҳо барои арзёбии интихобот:**............ 6

1.1. Меъёрҳои байналмилалии интихобот:........... 6

1.1.1. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар 7
1.1.2. Санади Копенгаген........................ 9
1.1.3. Муоҳидаи ИДМ оид ба меъёрҳои интихоботи озод ва демократӣ 12

1.2. Меъёрҳои миллӣ:.................................... 14

1.2.1. Системаи интихоботӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 14
1.2.2. Системаи интихоботӣ дар қонунҳои конститутсионӣ................................ 16

1.3. Истифодаи меъёрҳо барои арзёбии интихобот.......................................... 19

**2. Нозирони миллӣ дар интихоботи соли 2005:**........................................ 23

2.1. Кӣ метавонад интихоботро назорат кунад 25

2.2. Назорати кӯтоҳмуддат.......................... 27

2.3. Маълумот дар бораи сохтори интихоботи соли 2005:........................................ 27

2.3.1. Парламенти миллӣ.......................... 27
2.3.2. Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ........................................ 29
2.3.3. Комиссияҳои ҳавзавии интихобот....... 32
2.3.4. Комиссияҳои участкавии интихобот. 34
2.3.5. Кадом мақомот дар рӯзи интихобот интихоб карда мешаванд........................ 36



*Роҳнамиои мазкур аз тарафи IFES ва Ассотсиатсияи миллии сиёсатшиносони Тоҷикистон дар ҳамкори бо Комиссияи маркази интихобот ва райпурсии Ҷумҳурии Тоҷикитон ва намояндагони шаш ҳизби сиёсӣ тайёр шудааст.*

*Рассом: Абдуллоев Абдусалом*

## Рӯзи интихобот:
## Ҳама ба овоздиҳӣ меравем!





2.4. Омодагии нозирон ба рӯзи интихобот............ 36

2.5. Меъёрҳои ахлоқии нозирон:................................... 38

2.5.1. Қоидаҳои умумӣ барои назорати холисона........................................................................ 38

2.5.2. Ҳуқуқҳои нозирони миллӣ.......................... 39

2.5.3. Одоб........................................................................ 42

**3. Тартиби назорат дар рӯзи интихобот:**................ 46

3.1. Пеш аз кушодашавии участкаи интихоботӣ........................................................................ 46

3.2. Маросими кушодашавии участкаи интихоботӣ........................................................................ 48

3.3. Ҷараёни овоздиҳӣ.................................................................. 49

3.4. Овоздиҳӣ бо истифода аз қуттиҳои сайёр. 52

3.5. Баста шудани участкаҳои интихоботӣ.......... 53

3.6. Ҳисоби овозҳо........................................................................ 54

3.7. Пур кардани протокол............................................... 57

3.8. Гузоришдиҳӣ бо истифода аз дафтарчаи кории нозир........................................... 59

## ПЕШГУФТОР

Назорати интихобот вазифаи муҳимест барои дастгирии демократия. Баргузории интихоботи шаффоф ва кушода, ки ба қонунҳои Тоҷикистон ва меъёрҳои байналмилалӣ мувофиқ бошад, асоси ташкили ҳукумати демократӣ ҳисоб мешавад. Чунин интихобот боиси пайдо шудани боварии шаҳрвандон ба институтҳо ва ҷараёнҳои сиёсӣ мегардад. Ин боварӣ барои кумак кардан ҷиҳати ташкили асосҳои салоҳияти ҳукумат ва ҳам дилгарм сохтани шаҳрвандон барои иштирок дар фаъолиятҳои шаҳрвандӣ зарур аст.

Нозирони кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати интихобот дар кафолати интихоботи озод ва одилона нақши муҳим мебозанд. Ҳузури нозирон ба пешгирии вайронкориҳо мусоидат менамояд ва ба одамон нисбат ба системаи интихоботӣ боварӣ мебахшад. Онҳо ҳамчун нозирони бетараф ҷараёни интихобот ва ҳодисаҳои вобаста ба онро назорат мекунанд. Онҳо ба ҳар амали вобаста ба интихобот, аз ҷумла тартиботи рӯзи интихобот ва ҷараёни ҳисоби овозҳо назорат мекунанд. Вазифаи онҳо ҷамъоварии маълумот мебошад ва пас аз интихобот бар асоси ин маълумот дараҷаи мувофиқати интихобот ба меъёрҳои демократӣ таҳлил ва муайян карда мешавад.

Ҳадафи ин роҳнамо таъмин кардани амалкардҳои ҳамаҷониба ва систематикии вобаста ба назорати кӯтоҳмуддати интихоботӣ барои гурӯҳҳои нозирони миллӣ мебошад, ки ҳизбҳои бақайдшуда ва номзадҳои мустақилро намояндагӣ

дахлдоштаи қонунҳо ва Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонр мутолиа кунед.






мекунанд. Ин роҳнамо ҳамчун воситаи такмилкунандаи дафтарчаи кории нозир хидмат хоҳад кард, ки нозирон бояд дар рӯзи интихобот онро пур кунанд.

Ҳам роҳнамо ва ҳам дафтарчаи кории нозир барои таъмини системаи сабти маълумот ва назорати интихобот хидмат хоҳанд кард, то ки гузориши умумӣ дар бораи интихобот таҳия гардад. Ин гузориш мумкин аст ҳамчун воситаи назорати пешрафти кишвар ба сӯи ҷомеаи демократӣ истифода шавад.

Тартибот ва муқаррароти назорати интихобот ба таври фаҳмо ва равшан таҳия шудаанд, то ба нозирон имкон дода шавад, ки вазифаҳои худро комилтар анҷом диҳанд. Ҳамаи мазмуни ин роҳнамо бо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои Тоҷикистон дар бораи интихобот мутобиқ аст. Ин қонунҳо ду қонуни конститутсиониро фаро мегиранд: “Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки соли 1999 қабул гардид ва июни соли 2004 ба он тағйирот ворид карда шуд ва “Дар бораи интихоботи намояндагони Маїлисіои маҳаллии вакилони халқ”, ки декабри соли 1999 қабул шуда буд.

Ба сабаби он ки САҲА собиқаи тӯлонӣ дар назорати интихобот дар тамоми ҷаҳон дорад, дар ин роҳнамо чанде аз дастурҳои САҲА ва низ маълумот аз Санади Копенгаген ва Муоҳидаи ИДМ оид ба интихоботи озод ва одилона истифода шудаанд.

Роҳнамои мазкур аз ҷониби IFES дар ҳамкорӣ бо шаш ҳизби сиёсии қайдшуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст. Ин ҳизбҳои сиёсӣ мутобиқи тартиби алифбо чунинанд: Ҳизби демократи Тоҷикистон, Ҳизби коммунисти Тоҷикистон, Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон, Ҳизби сотсиал-демократии Тоҷикистон, Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон, Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон. Роҳнамо бевосита ба ҳар ҳизб ирсол шуда буд ва ҳар кадом тасдиқи нусхаи ниҳоии онро ба мо доданд.

Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ (КМИР) ин роҳнаморо дида баромада, мазмуни онро тасдиқ намуд.

# 1. МЕЪЁРҲО БАРОИ АРЗЁБИИ ИНТИХОБОТ

## 1.1. Меъёрҳои байналмилалӣ барои интихобот

Нақши барҷастае, ки интихоботи шаффоф ва озод дар кафолати ҳуқуқҳои сиёсӣ ва ҳуқуқ ба ҳукумати демократӣ ва намояндагӣ бозӣ мекунад, дар як қатор санадҳои байналмилалӣ изҳор шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор шартномаҳои байналмилалиро имзо кардааст, ки дар онҳо меъёрҳои интихоботи демократӣ оварда шудаанд. Нозирони интихобот бояд ин меъёрҳои байналмилалиро донанд, то қодир бошанд, ки дараҷаи мувофиқати интихоботро ба ин меъёрҳо дар сатҳи маҳаллӣ баҳо диҳанд.



- Шумораи овозҳо барои ҳар ҳизби сиёсӣ;
- Шумораи овозҳо барои ҳар номзад;
- Шумораи протоколҳои навишташуда;
- Имзоҳои аксарияти аъзои комиссияи участкавии интихобот;

## 3.8. Гузоришдиҳӣ бо истифода аз дафтарчаи кории нозир

Нозирон бояд ҳамаи маълумотро дар бораи ҷараёни рӯзи интихобот дар гузориши худ ҷой диҳанд. Формаи дафтарчаҳои кории нозир ба ҳамаи минтақаҳо ва ноҳияҳо тақсим ва ирсол карда мешаванд.

Дафтарчаи кории нозир ҳамаи маълумоти лозим барои назорати воқеиро дар ҳамаи марҳалаҳои ҷараёни рӯзи интихобот фаро мегирад.

Дафтарчаи кории нозир дорои маълумоти тавзеҳдиҳанда мебошад. Агар шумо дафтарчаи кории нозирро надоред, мутобиқи ҷиҳатҳои дар ин роҳнамо зикршуда ва эродҳои худ қайдҳо намоед.

Гузориш бояд ба ҳизби сиёсӣ ё номзаде, ки нозир онро намояндагӣ кардааст, супорида шавад.

Ин бисёр муҳим аст, ки шумо фаслҳои ба худатон дахлдори ин роҳнаморо ба такрор хонед ва низ қисматҳои ба интихобот

нодуруст ва беэътибор ҷудо бастабандӣ мешаванд. Агар ягон шикоят ё ташвиши навишташуда мавҷуд бошад, он ба протокол замим карда мешавад.

Нусхаи якуми протокол ҳамроҳ бо ҳамаи ҳуҷҷатҳои интихобот ба шумули бюлетенҳо, шикоятҳо, аризаҳо, фармонҳо ва қарорҳои содиркардаи комиссияи участкавии интихобот бояд фавран ба комиссияи интихоботии дараҷаи боло фиристода шавад. Нусхаи дувуми протокол дар давоми 3 рӯз пас аз рӯзи интихобот дар участкаи интихоботӣ бояд овехта шавад.

Протокол ба таври умуми мавридҳои зеринро фаро мегирад:

- Рақами ҳавзаи интихоботӣ;
- Рақами комиссияи участкавии интихобот;
- Шумораи овоздиҳандагон дар рӯйхати овоздиҳандагон;
- Шумораи бюлетенҳои дарёфтшуда;
- Шумораи овоздиҳандагони пеш аз муҳлат;
- Шумораи овоздиҳандагон аз тариқи қутиҳои сайёр;
- Шумораи интихобкунандагони дар овоздиҳӣ иштироккарда;
- Шумораи бюлетенҳои эътибордор ва шумораи бюлетенҳои истифоданашуда, харобшуда ва порашуда;





### 1.1.1. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар

Эъломияи ҳуқуқи башар санади аз ҳама муҳимтарин буда, соли 1948 аз тарафи Маҷмаъи умумии Созмони Милал якдилона тасдиқ карда шуд. Дар ин эъломия нақше, ки интихоботи озод ва шаффоф дар кафолати ҳуқуқи бунёдӣ ва умумӣ ба ҳукумати демократӣ ва намояндагӣ бозӣ мекунад, эътироф шудааст. Дар Моддаи 21 омадааст:

> “Iар инсон iаs дорад дар идораи кишвари худ бевосита ё ба воситаи намояндагоне, ки озодона интихоб шудаанд, ширкат кунад.
>
> Ҳар инсон ба дастрасии баробар ба хадамоти ҷамъиятӣ дар кишвари худ ҳақ дорад.

Иродаи мардум бояд поя ва асоси қудрати ҳукумат бошад; ин ирода бояд дар интихоботҳои даврӣ ва воқеӣ аз тариқи ҳуқуқи овоздиҳии умумӣ ва баробар ва овоздиҳии махфӣ ва ё тартиботи дигари баробар изҳор гардад.”




Ин эъломия ҳамчун поя ва асос бар санадҳои дигаре ҳисоб мешавад, ки барои эҷоди меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи башар ва ҳамчунин системаҳои демократӣ таҳия гаштаанд.

Дар чанде аз санадҳои байналмилалӣ чунин муқаррар кардаанд, ки ҳуқуқи занон ва ақалиятҳо барои иштирок дар ҳаёти ҷамъияитиву сиёсӣ набояд вайрон карда шавад ва онҳо бояд баробари ҳамаи шаҳрвандон аз ҳуқуқи овоздиҳӣ ва ҳуқуқи



қарор қабул мекунанд. Шумораи бюлетенҳои беэътибор ва нодуруст ҳисоб карда шуда, пас аз ҳисоби ҳар намуди бюлетенҳо ба протокол ворид карда мешавад.

### 3.7. Пур кардани протокол

**Нозирон бояд то тамом шудани тартиби охирӣ дар он ҷо бимонанд. Дар бисёр ҳолатҳо нозирон барвақттар мераванд, зеро онҳо хаста мешаванд, хунук мехуранд ё гурусна мемонанд, дуртар аз участкаи мавриди назорат зиндагӣ мекунанд ё барои таҳияи гузориш маълумоти кофӣ ҷамъ кардаанд. Нозирон бояд пас аз назорати тамоми ҷараён ба таҳияи гузориш оғоз кунанд.**

Аъзои комиссияи интихоботӣ бояд ба ду нусхаи протокол дар бораи натиҷаҳои ҳисоби овозҳо имзо гузоранд ва таърих ва замони имзогузории худро нависанд.

Протокол бояд бо ручка пур карда шавад; истифодаи қалам манъ аст.

Протокол ҳамон вақт эътибор дорад, ки аксарияти аъзои комиссияи интихоботӣ ба он имзо гузоранд.

Ҳамаи бюлетенҳо бояд дастабандӣ шуда, дар ҳузури намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ, шахсони боэътимод ва намояндагони матбуот (агар онҳо дар участкаи интихоботӣ ҳозир бошанд) муҳр зада мешавад. Ҳамаи бюлетенҳои бекоршуда,

Бюлетенҳо барои ҳар намуди интихобот (яъне бюлетенҳо барои рӯйхатҳои ҳизбҳои сиёсӣ, номзадҳои якмандатӣ, мақомоти ҳукумати маҳаллӣ) бояд ҷудо-ҷудо дар қаторҳои гуногун дастабандӣ шаванд.

Ҳисоби ҳар намуди бюлетен бояд бо тартиб сурат гирад. Ҳисоб аз бюлетенҳо барои рӯйхатҳои ҳизбҳои сиёсӣ оғоз мешавад. Дувум, бюлетенҳо барои номзадҳои ҳавзаҳои якмандатӣ ҳисоб карда мешавад. Ва ниҳоят овозҳо барои намояндагони маҷлисҳои маҳаллӣ ҳисоб карда мешавад.

Натиҷаи ҳар марҳилаи овоздиҳӣ бояд бо овози баланд эълон гардад ва ба протокол ворид карда шавад.



***Ёддошт:*** Агар дар мавриди эътиборнокии бюлетен шубҳае пайдо шавад, аъзои комиссияи участкавии интихобот бюлетенро муҳокима карда, аз тариқи овоздиҳии аксарияти аъзо



интихоб ба мақоми идоракунӣ бархурдор бошанд.

### 1.1.2. Санади Копенгаген



Яке аз ҳуҷҷатҳое, ки Тоҷикистон имзо кардааст, "Санади Копенгаген" (1990) мебошад, ки САҲА таҳия кардааст. Ин санади бунёдӣ ба аҳамияти интихобот ҳамчун воситаи таъмини шаҳрвандон бо ҳуқуқи иштирок дар ҷараёни сиёсӣ ва идораи кишвари худ таъкид мекунад.

Моддаи ҳафтуми Санади Копенгаген принсипҳои интихоботи демократӣ, озод ва кушодаро муқаррар мекунад.

Дар он гуфта мешавад: ба хотири он ки иродаи мардум ҳамчун асоси салоҳияти ҳукумат хидмат кунад, имзокунандагони ин мувофиқатнома бояд:

Интихоботи озодро дар фосилаи асосманд мутобиқи муқаррароти қонун баргузор намоянд;

Иҷозат диҳанд, ки ақалан ҳамаи ҷойҳои як палатаи органи қонунгузори миллӣ аз тариқи

овоздиҳии умумихалқӣ интихоб карда шавад;

Ҳуқуқи интихоботии ҳамагонӣ ва баробарро ба ҳамаи шаҳрвандони болиғ кафолат диҳанд;

Кафолат диҳанд ба он ки овозҳо аз тариқи бюлетени махфӣ ё тартиби озод ва баробари овоздиҳӣ дода мешаванд ва онҳо аз рӯи виҷдон ҳисоб карда шуда, бо натиҷаҳои расмӣ ба ҷомеа гузориш дода мешаванд;

Ҳуқуқи шаҳрандонро барои соҳиб шудан ба мақомоти сиёсӣ ва ҷамъиятӣ ба тарзи инфиродӣ ё намояндагии ҳизбҳо ва ё созмонҳои сиёсӣ бидуни табъиз (дискриминатсия) эҳтиром кунанд;

Ҳуқуқи фардҳо ё гурӯҳҳоро барои дар озодии комил ташкил кардани ҳизби сиёсии худ ё дигар созмонҳои сиёсӣ эҳтиром намоянд ва ба ин ҳизбҳо ё созмонҳои сиёсӣ кафолатҳои лозими сиёсиро диҳанд, то ки онҳо битавонанд мутобиқи шароити баробар дар назди қонун ва мақомот бо ҳамдигар рақобат намоянд;

Ба он кафолат диҳанд, ки қонун ва сиёсати ҷамъиятӣ барои дар муҳити одилона ва озод баргузор кардани маъракаи сиёсӣ мусоидат хоҳад кард; ҳам иқдомҳову вайронкориҳои маъмурӣ ва ҳам тарсдиҳӣ наметавонанд ҳизбҳо ва номзадҳоро аз пешбарии озодонаи ақидаҳо ва қобилиятҳои худашон маҳрум созанд ва ё овоздиҳандагонро аз дарёфти чунин маълумот, баҳс кардан ва овоздиҳӣ бидуни тарс аз ҷазо ҷилавгирӣ кунанд;



намедиҳад".

Пеш аз кушодани қутиҳои овоздиҳӣ ҳамаи бюлетенҳои истифоданашуда ё харобшуда беэътибор бониста шуда, кунҷи поёнии тарафи рости он бурида мешавад.

Сипас, раис ба аъзои комиссияи интихоботӣ, муҳр ва штампи рӯи қутиҳои овоздиҳиро пеш аз кушодани ҳар қутӣ санҷида бинанд. Фақат баъд аз ин тартиби ҳисоби овозҳо шурӯъ мешавад.

Пеш аз ҳама бюлетенҳои қутиҳои сайёри овоздиҳӣ ҳисоб карда мешаванд. Сипас аъзои комиссия ба ҳисоби бюлетенҳои қутиҳои овоздиҳии собит оғоз мекунанд.



шахсони иҷозатдодаи қонун (яъне аъзои комиссия, намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ ва матбуот ва шахсони боэътимод) дигар ҳамаи шахсони боқимонда бояд биноро тарк кунанд.

Дар Моддаи 46 қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олиии Ҷумҳурии Тоҷикистон” изҳор шудааст, ки ҷараёни ҳисоби овозҳо бояд фавран пас аз тамомшавии овоздиҳӣ оғоз шавад ва бетанаффус то замони муайян шудани натиҷаҳо идома ёбад.

Пеш аз оћоз шудани іисоби овозіо раиси комиссияи интихоботӣ тартиби ҳисоби овозҳоро эълон карда, ҷои қарор гирифтани нозирон ва намояндагони матбуотро барои назорати ҷараён муайян мекунад.

### 3.6. Ҳисоби овозҳо

Нозирон бояд ба андозаи кофӣ ба ҷои ҳисобкунӣ наздик бошанд, ки ин амалро ба таври лозимӣ дида тавонанд.

Лутфан дар ёд дошта бошед, ки ба ҳеҷ ваҷҳ шумо набояд ба бюлетенҳо, муҳри қутиҳои овоздиҳӣ ва дигар маводи интихоботӣ даст расонед.

Нозирон бояд бодиққат ҷараёни ҳисоби овозҳоро нигоҳ кунанд. Лутфан боварӣ ҳосил кунед, ки фақат аъзои комиссияи интихоботӣ ба ҳисоби овозҳо машғуланд ва ҳеҷ каси дигар ба онҳо “ёрӣ



Чунин шароитеро таъмин намоянд, ки дар роҳи дастрасии озод ба матбуот барои ҳамаи гурӯҳҳо ва фардҳои сиёсӣ, ки мехоҳанд дар ҷараёни интихобот иштирок намоянд, ҳеҷ гуна монеаҳои қонунӣ ва маъмурӣ гузошта нахоҳад шуд;

Ба он кафолат диҳанд, то номзадҳое, ки шумораи лозими овозҳоро мутобиқи муқаррароти қонун ба даст овардаанд, ба таври боиста ба мақоми худ таъйин мешаванд ва то поёни мӯҳлати худ дар мақомашон мемонанд ва ё аз тариқе, ки қонун муайян кардааст, мутобиқи тартиботи демократии парламентӣ ва конститутсионӣ муҳлати мақоми он шахс ба охир расонида мешавад.

Зикр кардан зарур аст, ки дар Моддаи 8-и Санади Копенгаген нақши нозирони байналмилалӣ ва миллӣ муайян карда шудааст. Дар Моддаи 8 омадааст:

*“Давлатіои иштироккунанда бояд дар назар гиранд, ки ҳузури нозирони дохилӣ ва хориҷӣ ҷараёни интихоботии он давлатро, ки дар он интихобот мегузарад, тақвият хоҳад дод. Барои ҳамин, онҳо аз ҳар давлати иштироккунанда дар САҲА ва дигар институтҳову созмонҳои хусусии дахлдор, ки* барои иҷрои он розианд, нозиронро даъват мекунанд, то ҷараёни интихоботи миллиро ба андозае, ки қонун иҷоза медиҳад, назорат намоянд. Онҳо

ҳамчунин барои осонсозии дастрасӣ ба тартиботи интихоботии поёнтар аз сатҳи миллӣ мусоидат хоҳанд кард. Ин нозирон ӯҳдадор мешаванд, ки ба тартиботи интихоботӣ дахолат накунанд.

### 1.1.3. Муоҳидаи ИДМ оид ба меъёрҳои интихоботи озод ва демократӣ

Санади дигари байналмилалӣ, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо шудааст, Муоҳидаи ИДМ оид ба меъёрҳои интихоботи озод ва демократӣ мебошад. Моддаҳои 14 ва 15-и ин ҳуҷҷат мақом ва ҳуқуқи нозирони миллӣ ва байналмилалиро мутаносибан муқаррар менамояд. Нозирони миллӣ дар Тоҷикистон бояд аз ӯҳдадориҳое, ки дар ин шартнома муайян шудаанд, огоҳӣ дошта бошанд.

Мутобиқи Моддаи 14 аз кишварҳо тақозо мешавад эътироф кунанд, ки номзадҳо, ҳизбҳо ё эътилофҳои сиёсӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ, гурӯҳҳои овоздиҳанда ва дигар гурӯҳҳои интихоботии дар конститутсия ва қонунҳо муайяншуда, мутобиқи қонунҳо ва ҳуҷҷатҳои қабулкардаи мақомоти идоракунандаи интихобот ҳуқуқ доранд нозирони миллӣ таъйин намоянд. Ин нозирон ҳуқуқ доранд, ки фаъолиятҳои участкаҳои интихоботиро дар рӯзи интихобот назорат намоянд.

Ин кишварҳо ҳамчунин мувофиқат карданд, ки ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои нозирони миллиро дар





### 3.5. Баста шудани участкаи интихоботӣ

Участкаи интихоботӣ соати 8.00 бегоҳ баста мешавад. Дар сафоратҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷ ва ҳамчунин дар санаторияҳо, осоишгоҳҳо, беморхонаҳо ва дигар муассисаҳои тиббӣ, минтақаҳои дурдаст ва душворгузар участкаҳои интихоботӣ мумкин аст баробари овоз додани ҳамаи овоздиҳандагони дар рӯйхати овоздиҳандагон буда баста мешавад.

Раис ё муовини раиси комиссияи участкавии интихобот басташавии овоздиҳиро эълон мекунад. Агар дар соати 8.00 ҳанӯз ҳам дар дохили участкаи интихоботӣ баъзе овоздиҳандагон бошанд, ба онҳо бояд имконият дода шавад, ки овоз диҳанд. Пас аз он ба ғайр аз

**Натиҷаи назоратҳои худро дар бораи масъалаҳои дар боло зикршуда ёддошт намоед. Аз дафтарчаи кории худ барои роҳнамоӣ истифода намоед. Шумо ҳамчунин метавонед эродҳои иловагиро қайд кунед.**

### 3.4. Овоздиҳӣ бо истифода аз қуттиҳои сайёр

Овоздиҳӣ бо истифода аз қуттиҳои сайёр ба он овоздиҳандагоне иҷозат дода мешавад, ки қодир нестанд дар рӯзи интихобот ба участкаи интихоботӣ биёянд. Онҳо метавонанд тақозо кунанд, ки комиссияи участкавии интихобот овоздиҳии онҳоро дар маҳалли иқоматашон ташкил намояд. Раиси комиссия ба аъзои комиссия супориш медиҳад, ки ин ӯҳдадориро дар ҳузури нозирон ва шахсони боваринок иҷро намоянд.

Шумораи бюлетенҳои ҷудошуда барои овоздиҳии сайёр бояд бо шумораи овоздиҳандагон, ки аз ҷониби аъзои комиссияи участкавии интихобот дарёфт шудаанд, мувофиқат намояд. Овоздиҳандагоне, ки аз ин тариқ овоз додаанд, бояд дар рӯйхати овоздиҳандагон қайд шаванд.

Мушоҳида кунед, ки оё қутиҳои сайёри овоздиҳӣ муҳр зада шудаанд?

Мушоҳида кунед, ки ҳеҷ кадом аз идоракунандагони қутиҳои сайёр ба овоздиҳандагон таъсир нарасонидаанд ва ё ба онҳо фишор наовардаанд?



қонунгузории худ муқаррар намоянд. Онҳо мувофиқат карданд, ки нозирони миллӣ ҳуқуқ доранд амалҳои зеринро иҷро намоянд:

Шинос шудан бо ҳуҷҷатҳои интихоботие, ки дар қонунҳо нишон дода шудаанд;

Гирифтани маълумот дар бораи шумораи овоздиҳандагон ва аз ҷумла рӯйхати овоздиҳандагон;

Гирифтани маълумот дар бораи шумораи овоздодагон ба иловаи шумораи овоздиҳандагони пеш аз муҳлат ва овоздиҳандагоне, ки берун аз бинои овоздиҳӣ овоз додаанд;

Ҳозир будан дар бинои овоздиҳӣ;

Назорат кардан бар ҷараёни додани бюлетенҳо ба интихобкунандагон;

Ҳозир будан ҳангоми овоздиҳии пешакӣ ва ҳар гуна овоздиҳии дигаре, ки берун аз бинои овоздиҳӣ сурат мегирад;

Додани пешниҳодҳо ва тавсияҳо дар бораи ташкили масъалаҳои овоздиҳӣ ба мақомоти интихоботӣ;

Мустақиман муроҷиат кардан ба мақомоти баландтари интихоботӣ ё ба суд дар мавриди қарорҳо ё иқдомҳои узвҳои инфиродии мақоми интихоботӣ ё худи мақоми интихоботӣ;

Дар Муоҳидаи ИДМ изҳор шудааст, ки агар қонунгузории миллӣ иҷозат диҳад, намояндагони номзад ҳам метавонанд ҳуқуқҳои нозирони миллиро дошта бошанд.

Кишварҳо ҳамчунин мувофиқат карданд, ки органҳои интихоботӣ ва мақомоти созмонҳои дигар метавонанд барои нозирони миллӣ ва дигар иштироккунандагони интихобот трейнингҳо баргузор намоянд. Ин трейнингҳо маълумот дар бораи асосҳои интихоботи демократӣ, қонунҳои миллӣ дар бораи интихобот, меъёрҳои байналмилалиии интихобот ва воситаҳо барои ҳимояи ҳуқуқҳо ва озодиҳои овоздиҳандагонро фаро мегиранд.

## 1.2. Меъёрҳои миллӣ

### 1.2.1. Системаи интихоботӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ба хотири таъсирбахш будани нақши нозири интихобот, донистани асосҳои қонунии ҷараёни интихобот мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим аст. Нозир бояд пеш аз интихобот бо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳои конститутсионӣ, системаи сиёсии кишвар ва вазифаҳои КМИР шинос шуда, худро омода созад.

**Дар Моддаи 6-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст:**

“Дар Тоïикистон халс баёнгари соiибихтиёрќ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад. Ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот аст.



набудани ҳуҷҷати муайянкунандаи шахсият ҳуқуқи касе инкор карда шудааст ва чунин масъалаҳо чӣ гуна ҳал карда мешаванд.

- Санҷида бинед, ки оё махфӣ будани овоздиҳӣ риоят мешавад? Ҳамчунин бинед, ки оё қуттиҳои овоздиҳӣ дар ҷои намоён ба чашми маъмурони интихобот ва ҳамаи нозирони салоҳиятдор ва намояндагон гузошта шудааст?
- Муайн кунед, ки оё касе ба овоздиҳанда ёрӣ мерасонад ва кӣ ин корро мекунад?
- Тарзи додани бюлетен ба овоздиҳандагонро назорат кунед.
- Бинед, ки оё бюлетенҳо дар ҷои амн нигоҳдорӣ мешаванд ва оё онҳо навъ ба навъ гурӯҳбандӣ шудаанд?
- Назорат кунед, ки оё кормандони участка пеш аз додани бюлетен ба овоздиҳанда ба рӯи он нишона мегузоранд?
- Мушоҳида кунед, ки оё дар дохили бинои овоздиҳӣ маводҳои ташвиқотӣ овехта шудаанд ё на. Дар ёд дошта бошед, ки маъракаи пеш аз интихоботӣ 24 соат пеш аз Рӯзи интихобот тамом мешавад.
- Санҷида бинед, ки оё ягон номзад аз рақобати интихоботӣ хориҷ карда ва номаш аз бюлетен хат зада ё пок карда шудааст? Маълум кунед, ки комиссия чӣ гуна чунин тағйиротро ислоҳ кардааст?

***<u>Ёддошт: Ҳар овоздиҳанда бояд инфиродӣ овоз диҳад. Ба овоз додани шахси боэътимод ба ҷои овоздиҳанда иҷозат дода намешавад. Овоздиҳии гурӯҳӣ низ иҷозат дода намешавад. Овоздиҳии оилавӣ ҳам иҷозат дода намешавад!!</u>***

- Агар шумо хоҳед, ки масъалаҳои махсусе монанди қарори комиссия, шикоятҳо, протоколҳо, протоколи маҷлисҳои комиссия ё намунаи бюлетенҳоро санҷед, шумо бояд аз раис дархости иҷозат кунед. Ҳамчунин дар мавриди тавзеҳот дар бораи масъалаҳое монанди бақайдгирии овоздиҳанда, шумораи овоздиҳандагон, шумораи бюлетенҳои гирифта шумо бояд ба раис муроҷиа намоед.
- Боварӣ ҳосил кунед, ки ҳамаи одамоне, ки дар дохили участка кор мекунанд, узви комиссия ҳастанд. Дар дафтари худ қайд кунед, ки кадом шахс ё гурӯҳи одамон, ки узви маъмурият, овоздиҳанда ва намояндаи салоҳиятдори номзадҳо ё матбуот нестанд, барои муддати тӯлонӣ дар участка боқӣ монданд.
- Мушоҳида кунед, ки оё ягон шакли фишор ё таблиғ ба овоздиҳандагон аз ҷониби маъмурони интихобот мавҷуд аст?
- Санҷед, ки оё ягон кас кӯшиш дорад, ки ба ҷои дигарон овоз диҳад ё ба чунин амал иҷозат дода шудааст?
- Назорат кунед, ки оё ба сабаби набудани номи шахсе дар рӯйхати овоздиҳандагон ё





Дар Моддаи 14 гуфта мешавад:

Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд. Онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, маҳаллӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллиро муайян мекунанд ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд".

Дар Моддаи 27 Конститутсия гуфта мешавад:

"Шаірванд іas дорад дар іаёти сиёсѓ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд. Шаҳрвандон ба хидмати давлатӣ ҳуқуқи баробар доранд. Шаҳрванд аз синни 18 ҳуқуқи дар раъйпурсӣ иштирок кардан, интихоб намудан, инчунин аз синни муқаррарнамудаи Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо ҳуқуқи интихоб шуданро дорад.

Шахсоне, ки аз тарафи суд ғайри қобили амал дониста шудаанд ва ё мувофиқи ҳукми суд дар ҷойҳои аз озодӣ маҳрумшудагон нигоҳ дошта мешаванд, ҳуқуқи дар интихобот ва раъйпурсӣ иштирок кардан надоранд."

Дар Моддаи 48 зикр шудааст, ки Маҷлиси Олӣ мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва аъзои он барои 5 сол интихоб мешаванд. Маҷлиси Олӣ аз ду Маҷлис – Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон иборат аст.

Дар Моддаи 49 омадааст, ки интихоботи Маҷлиси намояндагон ба таври умумӣ, баробар, мустақим ва бо овоздиҳии пинҳонӣ сурат мегирад.

Дар Моддаи 77 чунин зикр шудааст: "Мақомоти намояндагии маҳаллӣ дар вилоят, шаҳр ва ноҳия Маҷлиси вакилони халқ аст, ки онро раис роҳбарӣ мекунад". Онҳо ба иҷрои Конститутсия, қонунҳо ва қарорҳои Маҷлиси Миллӣ ва Маҷлиси Намояндагон ва ҳуҷҷатҳои Президент ва ҳукумати ҷумҳурӣ кафолат хоҳанд дод.

### 1.2.2. Қонунҳои конститутсионӣ дар бораи системаи интихоботӣ

Қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи интихоботи Маїлиси Олии Їуміурии Тоҷикистон" ва "Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ" принсипҳои асосии интихоботро ташкил доданд.



### 3.3. Ҷараёни овоздиҳӣ

Овоздиіандагон ба таври хусусќ ё дар іуїраи овоздиіќ ва ё дар хонаи махсус бюлетенҳоро пур мекунанд. Ҳузури шахси дигар ҳамроҳ бо овоздиҳанда дар ин ҳолат манъ аст, ба истиснои он овоздиҳандагон ки худашон қодир нестанд бюлетенро пур кунанд. Ин овоздиҳандагон метавонанд шахси дигарро барои ёрӣ додан ба онҳо даъват намоянд. Ба ҳар ҳол, аъзои комиссияҳои интихоботӣ, намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ, матбуот ва шахсони боэътимод ба ёрӣ додан ҳақ надоранд.

Агар номи овоздиҳанда дар рӯйхати овоздиҳандагон набошад, вай бояд ҳуҷҷати муайянкунандаи шахсияти худро нишон диҳад. Аъзои комиссия бояд номи он овоздиҳандаро ба рӯйхати иловагӣ ворид карда, ба ӯ бюлетен диҳанд.



наметавонанд ба ҳуҷраи овоздиҳӣ ворида шаванд (ба истиснои он ки худи онҳо низ овоз диҳанд).

### 3.2. Маросими кушодашавии участкаи интихоботӣ

Овоздиҳӣ дар соати 6:00 субҳ пас аз он, ки раиси комиссияи участкавии интихобот кушодашавии расмии участкаи интихоботиро барои интихобот дар ҳузури дигар узвҳои комиссия, намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ, шахсони боэътимод ва матбуот эълон мекунад, оғоз мегардад. Сипас раис нишон медиҳад, ки қуттиҳои собит ва сайёри овоздиҳӣ холӣ ҳастанд ва ба онҳо мухр мезанад. Ӯ шумораи овоздодагони пешакӣ овоздодаро дар ҳузури шахсони зикршуда эълон мекунад. Раис лифофаҳои дорои овозҳои пеш аз мӯҳлат овоздодаро ба аъзоёни комиссия ва нозирон нишон дода, кафолат медиҳад, ки ҳамаи бюлетенҳо солим ва муҳрзада ҳастанд. Сипас ӯ бо ҳифзи махфӣ будани овоздиҳӣ ҳар як лифофаро мекушояд. Шумораи овозҳои пешакӣ додашуда пеш аз оғози овоздиҳӣ дар протокол навишта мешавад. Дар рӯйхати овоздиҳандагон рӯ бар рӯи номи овоздодагони пеш аз муҳлат овоздода нишонаи лозимӣ гузошта мешавад.



Ин ду қонун тартиботи баргузории интихоботро бар асоси ҳуқуқҳои умумибашарӣ муайян менамоянд.

Нозирон бояд дар хотир дошта бошанд, ки тамоми тартиботи (протседураҳои) интихоботӣ дар қонун муқаррар карда шудааст. Ҳар гуна вайронкорӣ ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳам шаҳрванд ва ҳам номзадро халалдор месозад. Дар вақти интихобот нозирон бояд қайд кунанд, ки оё ин қонунҳо назорат мешаванд.

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи интихоботи Маїлиси Олии Їуміурии Тоҷикистон” 10 декабри соли 1999 қабул карда шудааст. 16 июни соли 2004 тағйироту иловаҳои нав ба қонун ворид карда шуданд. Ин тағйирот тағйироти мусбат ба қонун ҳисоб мешаванд, зеро онҳо шаффофияти ҷараёни интихоботро таъмин месозанд. Тағйироту иловаҳои зикрёфта мавридҳои зеринро фаро мегиранд:

- Намояндагони матбуоти чопӣ, телевизион ва радио метавонанд дар маҷлисҳои коммиссияҳои интихоботӣ иштирок намоянд, дар биноҳои овоздиҳӣ ҳозир бошанд, ҷараёни омодагӣ ва баргузории интихобот ва ҳамчунин қарорҳои коммиссияҳои интихоботро пахш ва нашр намоянд.



- Истифодаи маблағҳои шахсӣ барои маъракаи интихоботӣ аз ҷониби номзадҳо (номзадҳо қаблан барои маъракаи интихоботӣ фақат ба будҷети давлатӣ маҳдуд карда шуда буданд, ки нокофӣ буд).
- Дахолат накардан ба фаъолиятҳои комиссияҳои интихоботӣ.
- Чоп ва нигоҳдории бюлетенҳо фақат аз ҷониби КМИР (қаблан ин ҷараён номутамарказ буд)
- Тартиби бақайдгирии номзадҳо ва муҳлати баррасӣ намудани ҳуҷҷатҳои дархостшаванда
- Афзудани шумораи шахсони боэътимоди ҳизбҳои сиёсӣ. (Ҳизбҳои сиёсӣ қаблан дар маҷмӯъ 15 нафар шахси боэътимод доштанд, вале мутобиқи қонуни нав ҳизбҳои



акредитатсионии худро нишон диҳед ва хоҳиш кунед, ки мехоҳед бо иҷозаи раиси комиссия бо ӯ вохӯред. Агар шумо ягон ҳолати вайронкориро мушоҳида кунед, кӯшиш намоед бо ягон узви дигари комиссия ва ё намояндагони ҳозирбудаи номзад суҳбат кунед. Ҳар гуна нишонаи шиддатнокӣ ё ихтилофро ёддошт намоед.

- Ба сохтори дохилии участкаи интихоботӣ аз ҷумла тақсимоти уҳдадориҳо ба кормандони участка ва ташкили мизҳо, бюлетенҳо ва маводи овоздиҳӣ диққат диҳед. Пеш аз оғози овоздиҳӣ қутиҳои овоздиҳӣ бояд дар ҷои мувофиқе гузошта шаванд, ки овоздиҳанда аввал ба ҳуҷраи овоздиҳӣ даромада, бюлетенро пур кунад ва сипас ба назди қутии овоздиҳӣ равад. Ҷобабогузории мебел бояд ба махфӣ будани овоздиҳӣ кафолат диҳад.
- Инро аз назар гузаронед, ки оё ҳамаи намояндагони номзадҳо имконияти баробар барои назорат доранд?
- Инро бисанҷед, ки оё қутиҳои овоздиҳӣ дар фосилаи ба чашм намоёни маъмурон ва нозирон гузошта шудааст?
- Худатон бо рӯйхати овоздиҳандагон шинос шавед.
- Инро бисанҷед, ки дар ҳуҷраҳои овоздиҳӣ ручкаҳо гузошта шудаанд на қаламҳо. Ин кор бояд пеш аз маросими кушодашавӣ иҷро шавад, зеро пас аз он нозирон

**3. Тартиби назорат дар рӯзи интихобот:**

Дар фасли мазкур тартиботе тавсиф хоҳад шуд, ки дар рӯзи интихобот ба амал меоянд. Дар он зинаҳои асосии мушоҳидакунӣ ва ҳамчунин ҷиҳатҳои вайронкориҳои умумӣ зикр хоҳад шуд.

**3.1. Пеш аз кушодашавии участкаи интихоботӣ**

Нозирон метавонанд кори худро пеш аз кушодашавии участкаи интихоботӣ оғоз намоянд. Онҳо бояд барои назорат дар тамоми тӯли рӯз омода бошанд ва ақалан 30 дақиқа пештар аз оғози овоздиҳӣ ба участкаи интихоботӣ оянд.

- Назорати худро пеш аз даромадан ба участкаи интихоботӣ оғоз кунед. Гирду атрофи участкаро аз назар гузаронед, то ягон шакли фаъолияти таблиғотӣ мавҷуд набошад.
- Ба маҳалли ҷойгиршавӣ ва шароити ба осонӣ ёфтани участкаи интихоботӣ диққат намоед. Он ҷоро аз назар гузаронед, ки оё дар он ҷо ягон шакли номуназзамӣ монанди ҷамъшавии ғайриоддии одамони ростистода мавҷуданд? Ҳамчунин аз назар гузаронед, ки оё дар участкаи интихоботӣ намояндагони милиса ва ё ҳукумат ҳастанд? Онҳо танҳо барои овоздиҳӣ ба участкаи интихоботӣ даъват карда мешаванд.
- Вақте шумо ба участкаи интихоботӣ меоед, худро шинос кунед, ҳуҷҷатҳои



сиёсӣ имкон пайдо карданд, ки то 5 шахси боэътимод барои ҳар номзад дошта бошанд).

- Тақсимоти баробари вақти пахши телевизион ва радиои миллӣ ба таври ройгон барои ҳадафҳои маъракаи интихоботӣ
- Ҳузури нозирон ва намояндагони матбуот дар комиссияҳои дахлдори интихобот ҳангоми ҳисоби такрории бюлетенҳо (моддаи $8^2$)
- Овехтани натиҷаҳои овоздиҳӣ дар бинои участкаи интихоботӣ
- Интишори натиҷаҳои пешакии овоздиҳӣ дар тӯли 24 соати баъди ба охир расидани интихобот

Моддаҳои $8^1$ ва $8^2$ –и қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ҳамчунин ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои нозирони миллӣ ва байналмилалиро муайян месозанд. Дар гузашта КМИР нақши нозиронро ҳамоҳанг мекард.

**1.3. Истифодаи меъёрҳо барои арзёбии интихобот**

Дараҷаи мувофиқати интихобот ба меъёрҳо ва санадҳои байналмилалӣ ҳам ба нозирони байналмилалӣ ва ҳам ба нозирони миллӣ дар арзёбии интихобот асос мешавад.

Меъёрҳои байналмилалӣ ба таври умумӣ таҳия

шуда, иҷрои принсипҳои васеъеро муайян менамоянд. Бандҳои зер баъзе масъалаҳои махсусро дар бар мегиранд, ки гурӯҳи нозирони миллӣ бояд ҳамчун баъзе меъёрҳои асосии байналмилалӣ дар назар гиранд.

***Интихоботи даврaӣ*** чунин маънӣ дорад, ки интихобот мутобиқи муқаррароти қонун дар давраҳои муайян ва мунтазам баргузор мегардад. Давраи дарозтарин дар миёни интихобот барои роҳбари давлат 7 сол ва барои палатаҳои поёнии парламент 5 сол муайян шудааст. Мансабдорони ҳукумат барои тамоми умр интихоб намешаванд.

***Интихоботи воқеӣ*** ба овоздиҳандагон имконияти воқеӣ медиҳад ва ҳуқуқи одамонро барои тағйири ҳукуматашон инъикос мекунад. Ба таври умум, интихоботи воқеӣ ба маънои мавҷудияти номзадҳои эътимодноки оппозитсия, набудани маҳдудиятҳо ба ҳизбҳо ва номзадҳои сиёсӣ ва имкони бозхонди шахси мансабдор аз вазифа.

***Интихоботи озод*** чунин маънӣ дорад, ки ҳуқуқи башар ва озодиҳои бунёдӣ пеш аз интихобот, дар замони он ва пас аз он риоят мешаванд. Ҳамаи шаҳрвандон, ҳизбҳо ва номзадҳо бояд аз озодии баён, ташкили анҷуману иттиҳод ва ҳаракат бархурдор бошанд. Ҷараёни интихобот бояд аз тарсдиҳӣ, вайронкорӣ, иқдомҳои маъмурӣ, таҳдиди қасос ва ҷазо озод бошад. Матбуот



Агар нозир дар рафтори худ нисбат ба ягон ҳизб тарафдорӣ зоҳир кунад, ин ба боварӣ нисбат ба ӯ таъсир хоҳад кард.

- Нозирон бояд ба масъалаҳое монанди ҳуқуқи занон, шахсони бесавод ва маъюб (нотавон) ва чӣ гуна сурат гирифтани мусоидат ба иштироки онҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоянд.



- Нозир бояд бо истифода аз ин имконият маълумоти бештар ҷамъ кунад, зеро ин маълумот мумкин аст дар интихоботи оянда барои ҳизби сиёсӣ ё номзади ӯ муфид бошад.
- Нозирони интихобот бояд бо дигар нозирон (ҳам миллӣ ва ҳам байналмилалӣ) муносибати фаъол ва ҳамоҳанг дошта бошад.

(*Як қисми маълумоти дар боло овардашуда аз* Меъёри ахлоқӣ барои назорати бонизом ва касбии интихобот, *IDEA, 1997 ва аз* Роҳнамои САҲА барои назорати дохилӣ *гирифта шуд*).

гардад.

- Гузориши нозирон бояд мувозинатдор бошад ва пешрафтҳо, дастовардҳои ҷараёни интихоботро фаро гирад.
- Ба ҳама маълумотҳои ба таври маҳрамона дарёфтшуда, ба хусус дар ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва таҳдид ба тарс бояд тавҷҷуҳи хоса муносибат шавад.
- Назорати интихобот бояд шаффоф ва дақиқ бошад.
- Нозирони интихобот дар баҳодиҳии худ бояд ҳамаҷониба бошанд, яъне онҳо ҳамаи ҳолатҳои дахлдорро ба назар гиранд.
- Дар муддати назорат нозирон бояд ба дониш, таҷриба, интиуитсия, кордониву идрок, эҳтиёткорӣ ва дурбинӣ такя намоянд.
- Баъзан, аъзои участкаи интихоботӣ хатогиҳои беихтиёр ва ноогоҳона метавонанд содир кунанд ва чунин ҳолатҳоро нозирон бояд аз дигар ҳолатҳо фарқгузорӣ карда тавонанд.
- Нозирон ҳуҷҷати муайянкунандаи шахсияти худро бояд бо худ дошта бошанд ва ҳангоми дархости масъулони интихобот онро нишон диҳанд.
- Гузориш дар бораи вайронкориҳо аз ҷониби нозир агар ба таври воқеӣ ва ҳаққонӣ таҳия шуда бошад, ба хубӣ қабул карда мешавад.



бояд маъракаи интихоботро озодона инъикос намояд. Созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд ки озодона ба фаъолиятҳои интихоботӣ машғул шаванд. Масалан, нозирони миллӣ бояд қодир бошанд, ки ҷараёни овоздиҳӣ ва ҳисоби овозҳоро озодона назорат кунанд ва натиҷабандии овозҳо чӣ дар учаскаи интихоботӣ ва чӣ дар дигар мақомоти ташкилкунандаи интихобот то КМИР бояд ки шаффоф, қобили дид ва санҷиш бошанд.

***Интихоботи одилона*** бояд кафолат диҳад, ки номзадҳо дар назди қонун ва мақомот муносибати баробар доранд. Қонунҳо бояд ки табъизомез набошанд ва одилона иҷро шаванд. Ҳамаи номзадҳое, ки мехоҳанд дар интихобот иштирок кунанд, бояд чунин имкониятро дошта бошанд. Захираҳои ҷамъиятӣ бояд ки одилона истифода шаванд, матбуот бояд одилона ва маъмурияти интихобот бетараф бошад. Ҷараёни интихобот бояд ки аз фиреб ва сохтакорӣ озод ва вайронкорони қонун бояд ба ҷавобгарӣ кашида шаванд. Номзаде, ки шумораи лозимии овозҳоро ба даст овардааст, бояд ки ҳатман ба мақоми худ таъйин шавад. Ҳам номзад ва ҳам интихобкунанда бояд имконияти шикоят кардан аз тариқи суди мустақилро дошта бошанд.

***Ҳуқуқи овоздиҳии умумӣ ва баробар*** чунин маънӣ дорад, ки ҳамаи шаҳрвандони

ба синни муқарраркардаи қонун расида бояд ҳуқуқи овоздиҳӣ дошта бошанд.



Бояд ки системаи бақайдгирии таъсирбахш ва бетарафи овоздиҳанда бидуни андозбандӣ ва бидуни табъиз бар зидди занон, ақалиятҳо ва гурӯҳҳои дигари овоздиҳанда мавҷуд бошад. Ҳамаи овоздиҳандагон, аз ҷумла, шахсони оҷиз ва муҳоҷири дохилӣ бояд ки ба участкаи интихоботӣ ва дигар тартиботи овоздиҳӣ дастрасӣ дошта бошанд. Ҳуқуқи баробари овоздиҳӣ ба маънои он аст, ки ҳар овоз арзиши баробар дорад. Мутобиқи таносуби намояндагӣ шумораи намояндагон дар ҳавзаи интихоботӣ бояд ба шумораи интихобкунандагон мутаносиб бошад. Мутобиқи системаи овоздиҳии аксарият



аст.

Ҳамеша дар ёд дошта бошед, ки нақши нозирон фақат **назорат кардани** ҷараёни интихобот ва ҷамъ намудани маълумот ва хабардор кардани дигарон аз ин маълумот мебошад. Ин шояд як чизи зиёдатӣ ва аз ҳад гузашта ба назар расад, вале донистани он муҳим аст, ки нозир роҳбар нест ва ба ӯ иҷозат дода нашудааст, ки ба ҷараён дахолат карда, вазифаи худро дар зери хатар монад.

Чун нозирон дар рӯзи интихобот ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳоро намояндагӣ мекунанд, бояд дар хотир дошта бошанд, ки одамон аз рӯи рафтори онҳо ба ҳамон ҳизб ё номзад баҳо медиҳанд. Аз ин рӯ, онҳо набояд ба вайронкорӣ роҳ диҳанд ва бояд қотеона принсипҳои ахлоқии дар боло зикршударо риоя намоянд. Тавсияҳои зер ба нозирон дода мешавад:

- Нозирони интихобот бояд конститутсия ва қонунҳои конститутсионии оид ба интихоботи кишварро риоят намоянд.
- Нозирони интихобот бояд байни ҳодисаҳои шахсан назораткардаи худ ва ҳодисаҳое, ки дигарон ба ӯ гузориш додаанд, фарқ гузоранд.
- Нозирони интихобот бояд бетараф ва холис бошанд. Онҳо набояд рамзҳои ҳизби сиёсиро бо худ ҳамл кунанд ва ё истифода баранд.
- Нозирони интихобот набояд ба фаъолияте даст зананд, ки боиси ихтилофи манфиатҳо

- Иҷрои ҳар гуна амале, ки ба кори комиссияи интихоботӣ дахолат мекунад;
- Иштирок кардан дар ҷараёни қарорқабулкунии комиссияи интихоботӣ.

Ҳамчунин нозирон **набояд**:

- аз овоздиіандагон пурсанд, ки онію ба кќ овоз медиҳанд;
- ақидаи шахсии худро дар бораи номзад ё ҳизби сиёсӣ баён кунанд;
- бо истифода аз мақоми нозир амалеро анҷом диҳанд, ки ба назорати интихобот ҳеҷ алоқа надорад;
- бар асоси далелҳои тасдиқнашуда ва беасос хулосаҳо бароранд.

### 2.5.3. Одоб

Ба хотири кафолати шаффофияти интихобот қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи интихоботи Маїлиси Олии Їуміурии Тоҷикистон" ба нозирон ҳуқуқи ҳозир будан дар участкаи интихоботӣ дар рӯзи интихобот ва назорат кардан бар тамоми фаъолиятҳои участка аз замони кушодавии он то ҷамъбасти натиҷаҳоро медиҳад

Мавридҳои зер баъзе принсипҳои умумӣ ҳастанд, ки ба хотири ба роҳ мондани интихоботи озод, одилона ва шаффоф дар ҳамаи фаъолиятҳои назорати интихоботӣ қобили иҷро



аҳолӣ ё шумораи овоздиҳандагон дар ҳавза бояд ки тақрибан баробар бошад.

***Овоздиҳи махфӣ*** маънии он аст, ки овоздиҳандагон бояд бюлетенҳои худро танҳо дар ҳуҷраи хилвати овоздиҳӣ пур кунанд ва бюлетени пуршуда то замони ҳисоби овозҳо дида нашавад ва баъдан ба овоздиҳандаи мушаххасе нисбат дода нахоҳад шуд. Овоздиҳии гурӯҳӣ (оилавӣ), овоздиҳӣ аз тариқи шахси боэътимод, овоздиҳӣ дар хориҷи ҳуҷраи овоздиҳӣ (ба истиснои овоздиҳии сайёри муташаккилона) махфӣ будани овоздиҳиро дар хатар қарор медиҳад. [*Иқтибос аз* Роҳнамои САҲА барои нозирони дохилӣ, *с. 16-18.*]

Гурӯҳи нозирони миллӣ ҳангоми баҳодиҳӣ ба интихобот дар Тоҷикистон ҳамчунин бояд дараҷаи пешрафти интихоботро нисбат ба интихоботи қаблӣ ба назар гиранд. Нозирон метавонанд ба гузориши ниҳоии САҲА ва Идораи Интститутҳои демократӣ ва Ҳуқуқи башар (ИИДҲБ) дар бораи интихоботи парламентии соли 2000 муроҷиа намоянд.

## 2. НОЗИРОНИ МИЛЛӢ ДАР ИНТИХОБОТИ СОЛИ 2005

Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон объективӣ (ҳаққонӣ) ва қонунӣ будани интихоботро кафолат медиҳанд. Озодии интихобот бо ҳузури нозирон дар ҳавзаҳои интихоботӣ тақвият меёбад. Ба таври умум, назорати интихобот мақсадҳои зерро

дорад:

Таъмини кушода ва шаффоф будан барои ҷомеа, номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ;

Афзудани эътимоди ҷомеа ба ҷараёни интихобот;

Таҳияи гузоришҳо пас аз интихобот, то қонунгузорон, масъулони интихобот ва фаъолон барои баҳодиҳӣ ба ҷараёни интихобот ва таҳияи нақша барои пешрафтҳои оянда истифода баранд.



Баҳо додан ба пешрафти интихоботи озод, одилона ва демократӣ дар Тоҷикистон



Нозирон ҳамчунин метавонанд:

- назорат кардани ҷараёни ҳисоби овозҳо аз масофае, ки бюлетенро дидан мумкин аст;
- назорат кардан бар навиштани гузориш дар бораи натиҷаҳои ниҳоии интихобот;
- гирифтани маълумот дар бораи гузоришҳо дар бораи натиҷаҳои интихобот ҳам аз комиссияи участкавии интихобот ва ҳам аз комиссияи ҳавзавии интихобот
- ҳамроҳӣ кардан бо қуттии сайёри овоздиҳӣ ҳангоми ба берун ба назди овоздиҳанда бурдани он ва сипас бозгардонидани он ба бинои овоздиҳ.



Нозирони миллӣ ба иҷрои амалҳои зерин ҳуқуқ **надоранд**:

- Тақсим кардани бюлетенҳо ба овоздиҳандагон;
- Бо хоҳиши овоздиҳанда ба ҷои ӯ барои гирифтани бюлетен имзо гузорад;
- Пуркардани бюлетен ба ҷои овоздиҳанда;
- Иҷрои ҳар гуна амал, ки маҳрамона (махфӣ) будани овоздиҳиро вайрон мекунад;
- Иштирок кардан дар ҷараёни ҳисоби овоз;
- Ҳозир будан дар дохили ҳуҷраи овоздиҳӣ;

- Ошно шудан бо рӯйхати овоздиҳандагон;
- Ҳозир будан дар биноҳои овоздиҳӣ аз замони ба кор оғоз кардани комиссияи участкавии интихобот то замони анҷоми кори он;
- Назорати ба тақсимоти бюлетенҳо ба овоздиҳандагон;
- Назорат кардани ҷараёни аз эътибор соқит кардани бюлетенҳои истифоданашуда ва беэътибор ва ҷараёни ҳисобкунии овозҳо;
- Шинос шудан бо протоколҳои комиссияи интихоботӣ дар бораи натиҷаҳои овоздиҳӣ;
- Пурсидани савол ва бо иҷозати раиси комиссияи интихоботии дахлдор гирифтани ҷавоб ва ҷалб кардани таваҷҷуҳи раиси комиссияи интихоботӣ ба ҳолатҳои вайронкунии қонун.
- Дар мавриди қарор ва амалҳо ё беамалии комиссияи интихоботӣ муроҷиат кардан ба комиссияи интихоботии болоӣ ё суд;





Ҳадафи асосии назорати интихобот дар участкаи интихоботӣ ин санҷидани он аст, ки оё овоздиҳӣ ва ҳисоби овозҳо бо интизом ва мутобиқи қонуни интихобот сурат гирифтанд. Дар рӯзи интихобот нозирон ба участкаҳои интихоботӣ рафта, интихоботро назорат менамоянд ва дар бораи паҳлуҳои интихобот мутобиқи дафтарчаи кории нозир маълумот ҷамъ хоҳанд кард.

Ҳузури нозирон ҳамчунин ба обрӯи байналмилалии кишвар таъсир хоҳад дошт.

Барои расидан ба мақсадҳои назорат ҳузури нозирони бетараф ва воқеъбин ҳатмӣ аст. Нозирон бояд вазифаҳои худро бидуни ҳар гуна ғараз ва манфиат анҷом диҳанд. Пеш аз ҳама онҳо бояд ҷараёни интихоботро аз нуқтаи назари мусбат назорат кунанд. Бо доштани чунин муносибатҳо онҳо баъдан метавонанд ҷиҳатҳои мусбат ё пешравиҳо дар муқоиса бо интихоботҳои қаблиро бинанд, ягон вазъият, масъала ё фаъолиятҳои ғайриқонуниро муайян кунанд, ки ба баргузории интихоботи одилона ва қонунӣ халал мерасонад.

### 2.1. Кӣ метавонад интихоботро назорат кунад?

Мутобиқи Моддаҳои 8, $8^1$, $8^2$ ва 38 қонуни конститутсионии “Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон”:

шахсони зерин метавонанд дар бинои участкаи интихоботӣ ҳозир бошанд ва интихоботро назорат кунанд:
Шахсони боэътимоди номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ.
Намояндагони Васоити ахбори омма,
Нозирон миллӣ ва байналмилалӣ.



Намояндаи ҳизби сиёсӣ ё номзади мустақил шаҳрвандест, ки довталабона вақт ва кӯшишҳои худро ба ҳизб ё номзад мебахшад. Ин шахс узв ё ҷонибдори ҳизби сиёсӣ ё номзад мебошад. Ҳар номзад метавонад то 5 шахси боэътимод дошта бошад, ки фаъолиятҳои интихоботии ӯро пеш мебаранд ва ӯро намояндагӣ мекунанд. Мутобиқи қонун шахсони боэътимоди номзадҳо ва нозирон наметавонанд узви комиссияҳои интихоботӣ бошанд. Ҳамчунин кормандони сохторҳои



- Нозирон бояд ҳамаи хулосаҳои худро ба далелҳои мустанад, воқеӣ ва санҷидашаванда асосдор намоянд ва бояд формаҳои омориро (дорои далелу рақамҳоро) дар участкаҳои интихоботии мушоҳидакардаашон пур кунанд.
- Нозирон ҳуҷҷати муайянкунандаи шахсияти худро, ки ҳизби онҳо ё номзад ба вай додааст, бо худ хоҳанд гирифт ва бо дархости ашхоси расмӣ шахсияти худро шинос хоҳанд намуд.
- Нозирон набояд ҳеҷ гуна рамз ва парчамҳои ҳизбиро бо худ дошта гарданд.
- Нозирони уҳдадориҳои худро ба таври бетарафона иҷро хоҳанд кард ва ба ҷараёни интихобот, тартиботи рӯзи интихобот ё ҳисоби овоз дахолат нахоҳанд кард.
- Нозирон метавонанд ҳолатҳои хатокориро ба диққати масъулони маҳаллии интихобот бирасонанд, вале онҳо ҳеҷ гоҳ наметавонанд дастур диҳанд ва ё ба қарори масъулони интихобот эътироз намоянд.
- Нозирон бояд ба ҳамаи қонунҳо ва муқаррароти миллӣ итоат намоянд.

### 2.5.2. Ҳуқуқҳои нозирони миллӣ

Мутобиsи sонуніои конститутсионии Їуміурии Тоҷикистон ва муқаррарот дар бораи нозирон, нозирони миллӣ ба амалҳои зерин ҳақ доранд:

- Шамъ ва гӯгирд;
- Калкулятор.



## 2.5. Меъёрҳои ахлоқии нозирон

### 2.5.1. Қоидаҳои умумӣ барои назорати холисона

Баъзе қоидаҳои умумӣ мавҷуданд, ки нозирон барои доғдор накардани мақоми нозири бетараф бояд онҳоро риоя намоянд. Идораи институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи башари САҲА меъёрҳои зерини ахлоқиро барои нозирони байналмилалии интихобот муайян кардааст, ки нозирони миллӣ ҳам бояд онҳоро риоят намоянд:

***Меъёрҳои ахлоқ:***

- Нозирон бояд ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои худ ба таври қотеъ бетарафона рафтор намоянд ва ҳеҷ гоҳ ҳеҷ гуна ғараз ё тарафгирӣ дар муносибат бо мақомоти ҳокимият, ҳизбҳо, номзадҳо ё тавсия дар мавриди ҳар масъалаи марбут ба чараёни интихоботӣ изҳор нанамояд.
- Нозирон бояд аз гуфтани эродҳои шахсӣ ва пешакӣ дар бораи назоратҳои худ ба намояндагони матбуот ва ё дигар шахсони манфиатдор худдорӣ кунанд ва ҳар гуна баҳодиҳиро ба маълумоти умумӣ дар бораи моҳияти фаъолияти назоратии худ маҳдуд намоянд.



қудратӣ, судяҳо, хидматчиён ва афсарони низомӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ низ наметавонанд узви комиссияҳои интихоботӣ бошанд.

## 2.2. Назорати кӯтоҳмуддат

Роҳнамои мазкур барои нозирони миллии кӯтоҳмуддат таҳия шудааст ва ин нозирон аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ ё номзадҳои мустақил таъйин мешаванд. Ӯҳдадориҳои онҳо каме пештар аз рӯзи интихобот оғоз мешавад ва то замони пахши гузориш дар бораи натиҷаҳои интихобот идома меёбад. Ин ӯҳдадориҳоро метавон ба марҳилаҳои зер тақсим намуд: кушодашавии участкаҳои интихоботӣ, ҷараёни овоздиҳӣ, басташавии участкаҳои интихоботӣ, ҳисоби овозҳо, навиштани протоколҳо ва навиштани гузориш. Тавсифи ин марҳилаҳоро метавон дар қисми 3 ин роҳнамо пайдо кард.

## 2.3. Маълумот дар бораи сохтори интихоботи соли 2005

### 2.3.1. Парламенти миллӣ

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимиятҳои ҷудогонаи қонунгузор, иҷроия ва судиро муқаррар кардааст.

Соли 1999 тағйироти конститутсионӣ эҷоди парламенти дупалатаро муқаррар намуд. Ин парламенти дупалата Маҷлиси Олист, ки алакай

дар ин роҳнамо ба он ишора шуд ва аз палатаи болоӣ – Маҷлиси миллӣ ва палатаи поёнӣ – Маҷлиси намояндагон иборат аст. Мутобиқи қонун вакили Маҷлиси намояндагон мустақиман аз тарафи мардум интихоб мешаванд, дар ҳоле ки аъзои Маҷлиси миллӣ ғайримустақим интихоб мешаванд. Маҷлиси миллӣ 33 узв дорад, ки 8 нафари онҳо аз ҷониби президент таъйин ва 25 нафари боқимонда аз тарафи вакилони Маҷлисҳои маҳаллӣ интихоб мешаванд. Президентҳои собиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон узви якумраи Маҷлиси миллӣ ҳисоб мешаванд, агар худи онҳо аз истифодаи ин ҳақ даст накашанд.

Маҷлиси намояндагон аз 63 вакил иборат аст, ки ба мӯҳлати 5 сол интихоб мешаванд. Аз ин 63 вакил 41 нафарашон аз тариқи ҳавзаҳои интихоботии якмандатӣ интихоб мешаванд. Ҳар ҳавзаи интихоботӣ аз миёни ҳамаи номзадҳои худро пешниҳодкарда як вакилро интихоб хоҳанд кард. Номзад барои соҳиб шудан ба мандати вакилӣ бояд аксарияти овозҳоро (50% ҷамъи як овоз) ба даст орад.

22 вакили дигар мутаносибан аз рӯйхатҳои ҳизбҳои сиёсӣ интихоб мешаванд. Ҳар ҳизби сиёсӣ рӯйхати номзадҳои худро (то 22 нафар мутобиқи салоҳдиди худ) пешниҳод мекунад. Шумораи узвҳои ҳар ҳизби сиёсӣ дар парламент мутобиқи таносуби шумораи овозҳои дар интихобот гирифта миёни ҳизбҳо тақсим мешавад.

Барои гирифтани ҷо дар парламент ҳизби сиёсӣ





- Шиноснома, ҳуҷҷати муайянкунанди шахсият ё дигар ҳуҷҷати муайянкунанди шахсият;
- Нусхаи низомнома дар бораи назорати интихобот ва дафтарчаи кории нозир; коғаз ва ручка.

Агар имкон бошад, нозир метавонад бо худаш ин чизҳоро низ гирад:





- Соат;
- Суратгирак;
- Барқчароғи дастӣ (фонарик);
- Хурок ва об;
- Кафшҳо ва либоси роҳат;

**2.3.5. Кадом мақомот дар Рӯзи интихобот интихоб мешаванд?**

Интихоби номзадҳо ба якчанд мақомоти намояндагӣ дар як рӯз баргузор мегардад. Бо ин мақсад, овоздиҳандагон вобаста ба ҷои истиқоматашон якчанд бюлетен мегиранд. Ҳамон тавр ки пештар гуфта шуд, ин бюлетенҳо иборатанд аз:

- Бюлетен барои рӯйхати ҳизбӣ дар ҳавзаи ягонаи ҷумҳурӣ ба Маҷлиси намояндагон;
- Бюлетен барои номзад дар ҳавзаи якмандата ба Маҷлиси намояндагон;
- Бюлетен барои номзад ба Маҷлиси вилоятии вакилони халқ
- Бюлетен барои номзад ба Маҷлиси ноҳиявии вакилони халқ
- Бюлетен барои номзад ба Маҷлиси шаҳрии вакилони халқ

**2.4. Омодагии нозирон ба рӯзи интихобот**

Ба хотири ҳамчун нозир таъсирбахш анҷом додани вазифаҳои худ дар участкаи интихоботӣ ҳар нозир бояд омодагии хуб дида, чизҳои зеринро бо худ дошта бошад:

- Ҳуҷҷат (нома, ҳуҷҷати муайянкунанди шахсият ва ғ. аз ташкилоти ҳизб бо зикри номи пурраи нозир, рақами ва номи участкаи интихоботӣ барои назорат);



бояд ҳадди ақал 5% тамоми овозҳои интихобкунандагони дар овоздиҳӣ иштироккардаро аз шумораи умумии овоздадагон дарёфт намояд. Ин чунин маънӣ дорад, ки Тоҷикистон низоми омехтаи интихобот - аксарият ва таносубиро дорост.

Дар рӯзи интихобот овоздиҳандагон барои овоз додан ба Маҷлиси намояндагон ду бюлетен мегиранд. Яке аз ин бюлетенҳо рӯйхати номзадҳои худпешниҳодкарда (ин барои ҳавзаҳои интихоботии якмандата) ва бюлетени дигар рӯйхати ҳизбҳои сиёсиро (ин барои ҳавзаи ҷумҳуриявии интихобот) дар бар мегирад.

Ҳамчунин, дар рӯзи интихобот овоздиҳандагон вобаста ба маҳалли зист аз як то се бюлетени дигари иловагӣ барои интихоби намояндагони Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ низ хоҳанд гирифт. Дар як бюлетен номи номзадҳо барои интихоби вакилони Маҷлиси маҳаллии ноҳия, дар дигаре номи номзадҳо барои интихоби вакилони Маҷлиси маҳаллии шаҳр ва дар ҳолати дар вилоят зиндагӣ кардани овоздиҳанда бюлетени дигар барои интихоби вакили Маҷлиси маҳаллии вакилони халқи вилоят дода мешавад.

**2.3.2. Комиссияи маркази интихобот ва раъйпурсӣ**

Тибқи Моддаи 27 қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” таърихи

интихоботи вакилони Маҷлиси Намояндагон на дертар аз 75 рӯз пеш аз тамомшавии мӯҳлати вакилони ҳозираи Маҷлиси Олӣ аз ҷониби президент таъйин карда мешавад. Мутобиқи Моддаи 11 Маҷлиси Намояндагон раис, муовини раис ва 13 узви КМИР-ро бо пешниҳоди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб менамояд.

Мутобиқи Моддаи 12-и ҳамин қонун КМИР ӯҳдадориҳои зерро дорад:

- КМИР иҷрои қонуни мазкурро дар саросари кишвар назорат карда, тартиботи онро муқаррар менамояд ва ин қонунро шарҳ медиҳад;
- Ташкили ҳавзаҳои якмандатӣ барои интихоби вакилони Маҷлиси намояндагон;
- Ташкили комиссияҳои ҳавзавии интихобот барои интихоби аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон;
- Фароҳам сохтани шароити баробар барои баргузории маъракаи интихоботӣ;
- Ҷудо кардани маблағ ба комиссияҳои ҳавзавии интихобот ва назорат кардан ба таъмини комиссияҳои интихоботӣ бо бино, нақлиёт, воситаҳои алоқа ва ҳал кардани дигар масъалаҳои вобаста ба воситаҳои таъминотии интихобот;



Ҳар комиссияи участкавии интихобот бояд аз 5 то 19 узв аз ҷумла раис, муовини раис ва котиб дошта бошад.

Ӯҳдадориҳои комиссияҳои участкавии интихобот:

- Тартиб додани рӯйхати овоздиҳандагон барои участкаи интихоботӣ;
- Таҳия кардан ва ба таваҷҷуҳи умум пешниҳод кардани рӯйхати овоздиҳандагон ва дида баромадани аризаҳо ва шикоятҳо дар бораи хатоҳо дар рӯйхат ва ворид кардани ислоҳоти лозимӣ;
- Хабардор кардани аҳолӣ дар бораи маҳалли ҷойгиршавии комиссияи участкавии интихобот, рӯзи баргузории интихобот ва ҷои овоздиҳӣ;
- Омода кардани биноҳои участкаи интихоботӣ барои овоздиҳӣ, қуттиҳои овоздиҳӣ ва дигар таҷҳизоти зарурӣ;
- Ташкил ва назорат кардани овоздиҳӣ дар участкаи интихоботӣ дар рӯзи интихобот;
- Ҳисоби овозҳо дар участкаи интихоботӣ;
- Дида баромадани шикоятҳо дар бораи омодагии интихобот ва ташкили чораёни овоздиҳӣ ва баровардани қарор дар бораи онҳо.

овоздиҳандагон ва дастрас сохтани онҳо барои ҷомеа;

- Кумак кардан барои пешбарии номзадҳо ва кафолат додани шароити баробар ба онҳо;
- Ба қайд гирифтани номзадҳои пешбаришуда ба ҳавзаҳои якмандатӣ ва низ онҳое, ки ба Маҷлиси намояндагон пешбарӣ шудаанд ва шахсони боэътимоди онҳо ва додани ҳуҷҷати муайянкунандаи шахсияти онҳо;
- Ташкили мулоқотҳо миёни номзадҳо ба вакилии Маҷлиси намояндагон ва овоздиҳандагон;
- Расонидани бюлетен ба комиссияҳои участкавии интихобот;
- Натиҷаи интихоботро дар ҳавзаи интихоботӣ ҷамъбаст менамояд ва ба КМИР пешниҳод мекунад;
- Дида баромадани шикоятҳо дар бораи қарорҳо ва амалҳои комиссияҳои участкавии интихобот ва баровардани қарори худ дар бораи онҳо;

**2.3.4. Комиссияи участкавии интихобот**

Тибѕи Моддаи 16 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” комиссияи ҳавзавии интихобот бояд на дертар аз 45 рӯз пеш аз интихобот комиссияҳои участкавии интихоботро ташкил намоянд.





- Назорат кардани намунаи бюлетенҳо, рӯйхати овоздиҳандагон, протоколҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои вобаста ба интихобот; намуди қуттиҳои овоздиҳӣ, муҳри комиссияҳои интихоботӣ; ва тартиби нигоҳдории ҳуҷҷатҳои интихоботӣ;
- Муайян кардани тартибот барои иштироки нозирони миллӣ ва байналмилалӣ ва намояндагони матбуоти маҳаллӣ ва байналмилалӣ ва бо ҳуҷҷатҳои лозимӣ таъмин кардани онҳо;
- Ба қайд гирифтани рӯйхати номзадҳо аз ҳизбҳои сиёсӣ ва шахсони боэътимоди онҳо дар ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ ва

таъмин кардани онҳо бо шаҳодатномаи намунаи муқарраргардида;

- Нашр кардани натиҷаҳои интихобот дар саросари кишвар, ба қайд гирифтани вакилони интихобшуда, чопи маълумот дар бораи натиҷаҳои интихобот дар матбуоти чопӣ;
- Рӯзи гузаронидани интихоботро ба ивази аъзоҳо ва вакилони хориҷшуда дар Маҷлиси намояндагон таъйин мекунад;
- Дида баромадани шикоятҳои воридшуда дар бораи қарорҳо ва амалҳои комиссияҳои интихоботӣ.

Агар дар замони ҳисоби овозҳо ва ё муайян кардани натиҷаҳои интихобот қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя нашуда бошанд, КМИР метавонад интихоботро беэътибор эълон намояд. Аз хусуси қарорҳои КМИР ба Судии олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми 10 рӯзи баъд аз қабул шудани қарор шикоят кардан мумкин аст.

### 2.3.3. Комиссияи ҳавзавии интихобот

КМИР комиссияҳои ҳавзавии якмандатии интихоботро барои интихоботи Маҷлиси намояндагон на дертар аз ду моҳ пеш аз интихобот ташкил медиҳад. Мақомоти ҳукумати маҳаллӣ рӯйхати аъзои комиссияҳои ҳавзавии интихоботро бо назардошти пешниҳоди ҳизбҳои



сиёсӣ пешниҳод менамояд. Ин комиссияҳо аз раис, муовини раис, котиб ва на камтар аз 6 узв иборатанд.

Мутобиқи Моддаи 21 Қонуни конститутсионӣ “Дар бораи интихоботи Маїлиси Олии Їуміурии Тоҷикистон” бояд 41 ҳавза барои интихоби вакилон аз ҳавзаҳои якмандатӣ ташкил карда шаванд.

Дар мавриди интихоби вакилон аз ҳизбҳои сиёсӣ бошад, ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда мешавад ва ин чунин маънӣ дорад, ки ба рӯйхатҳои ҳизбҳо дар саросари кишвар овоз дода мешавад ва овозҳои дарёфтшуда аз ҳавзаҳои гуногун ҷамъ карда мешаванд.

Комиссияи ҳавзавии интихобот ӯҳдадориҳои зеринро доранд:

- Назорат кардани иҷрои қонун;
- Муқаррар кардани участкаҳои интихоботӣ ва рақамгузории онҳо;
- Ташкили комиссияҳои участкавии интихобот ва ва танзими фаъолияти онҳо;
- Ҷудо кардани маблағ ва таъмини комиссияҳои участкавии интихобот бо биноҳо ва воситаҳои нақлиёт ва алоқа;
- Танзими дигар масъалаҳои таъминотӣ барои муқаррар сохтани комиссияҳои интихоботӣ дар учаткаҳо;
- Назорат кардан бар тартиб додани рӯйхати